# САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From
the People of Japan

# EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN

80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp


## АНҶОМИ ЛОИҲАИ СОХТМОНИ МАКТАБИ НАВ ДАР ҶАМОАТИ БАҲОР, ШАҲРИ ВАҲДАТ ДАР ДОИРАИ КӮМАКИ РАСМИИ РУШДИ ҶОПОН

**Душанбе, ТОҶИКИСТОН**

18 сентябри соли 2024 ҷ-би **Тошиҳиро АИКИ**, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамроҳ бо ҷ-би **Мирзо ИСМОИЛЗОДА**, раиси шаҳри Ваҳдат, дар маросими анҷоми "Лоиҳаи сохтмони мактаби нав дар ҷамоати Баҳор, шаҳри Ваҳдат" иштирок кардан. Дар ин маросим ҳамчунин намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, муалимон, талабагон ва сокинони деҳа ширкат доштанд.

Барои татбиқи ин лоиҳа, дар доираи барномаи Ҳукумати Ҷопон “Кӯмакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ” (GGP) бо маблағи $91,280 доллари ИМА грант ҷудо карда шуд. Қабл аз татбиқи лоиҳа дар деҳаи Пистамазор-3-и ҷамоати деҳоти «Баҳор» бинои мактаб мавҷуд набуд ва барои мактаббачагон душворӣ меовард, ки маҷбур мешуданд аз роҳи нақлиётҳои тезрав гузаранд то ба мактабҳои ҳамсоя раванд. Ин мушкилот дар давраҳои боришот ва ҳавои сард шадидан эҳсос мешуд. Афзоиши аҳолии деҳаи Пистамазор-3 аз сабаби набудани муассисаҳои таълимӣ дар худи деҳа мактабҳои деҳаҳои ҳамсояро пурбор кардааст.

Ҳамин тариқ, сохтмони мактаби нави ҳаштсинфӣ дар Пистамазор-3, ҷамоати Баҳор, шаҳри Ваҳдат ҳалли мушкилоти пуршавии мактабҳои ҳамсоя аст ва инчунин хонандагони маҳаллӣ дигар маҷбур намешаванд, аз роҳи нақлиётҳои тезрав гузаранд, то ба мактабҳои деҳоти ҳамсоя раванд ва дар мактаби худ таҳсил мекунанд. Ин муассисаи нав ба мактаббачагон маҳаллӣ муҳити муосир, васеъ ва бехатари таълимӣ фароҳам оварда, ба баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти деҳот мусоидат мекунад.

Дар маросим Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **ҷ-би Тошиҳиро АИКИ,** раиси шаҳри Ваҳдат ва сокинони деҳаро бо анҷоми бомуваффақияти лоиҳа табрик гуфта, қайд кард, ки Ҷопон дар тӯли беш аз 30 соли ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон ба халқи тоҷик ҳамчун як дӯсти хуб дар соҳаҳои гуногун кӯмак кардааст ва маориф яке аз бахшҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ҷопон мебошад.

Раиси шаҳри Ваҳдат ва сокинони деҳа барои кумакҳои расонидашуда ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон изҳори сипос намуданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад дастгирии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро идома диҳад.

*Кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ “GGP” тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад. Кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ* ***464*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$38, 2*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз ҷумла 150 лоиҳа дар соҳаи маориф.*

*Для более подробной информации о GGP: [https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html](https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html)*








